«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ н.и.п.,
_______________ Сафарзода М.В.
«___»_______________ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ
# БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Диссертатсияи докторанти PhD Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Тоҷикистон ба номи А. Ҷомӣ Одиназода Дилосо Давлятшо дар мавзуи "Асосҳои педагогии рушди фаъолияти амалии муоширатии хонандагони синфҳои миёна зимни омӯзиши забони англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 6D012000 – Таълимӣ касбӣ, 6D012001 - Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ дар кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Одиназода Дилосо Давлятшо докторанти PhD Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Тоҷикистон ба номи А. Ҷомӣ ба шумор мерафт.

Одиназода Дилосо Давлятшо соли 2015 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, факултети филологияи хориҷӣ аз рӯйи ихтисоси забони англисиро хатм намудааст. Инчунин дар соли 2024 зинаи магистратураро дар муассисаи мазкур аз рӯйи ихтисоси илмҳои филологӣ (забони англисӣ) бо муваффақият хатм намудаасту соли 2021 зиннаи докторантура то соли 2023, аз рӯйи ихтисос (PhD)-и таҳсил намуда дар соли 2023 ба Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯи ихтисос таҳсили касбӣ (аз рӯйи соҳаҳо) интиқол шуда соли 2024 бо муваффақиятона хатм намудааст.

Мавсуф, фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2010 то соли 2013 ба ҳайси мутахасиси соҳаи мошинаҳои электрони (компютер) дар филиали КВД "Хатлонфарматсия" кору фаъолият намудааст. Дар соли 2020 танзимгари факултети филологияи хориҷӣ ва инчунин ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намуда истодааст.

Номбурда ба фармоиши ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» аз 04.10.2021, №22 ба зиннаи докторантура аз рӯйи ихтисос (PhD) қабул шуда то соли 2023, аз рӯйи ихтисос (PhD)-и таҳсил намуда дар соли 2023 ба Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа

PhD, доктор аз рӯи ихтисос таҳсили касбӣ (аз рӯйи соҳаҳо) интиқол шуда соли 2024 бо муваффақиятона хатм намудааст.

Мавзуи рисолаи номзадии Одиназода Дилосо Давлятшо бо унвони "Асосҳои педагогии рушди фаъолияти амалии муоширатии хонандагони синфҳои миёна зимни омӯзиши забони англисӣ" зери роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон Ҷумъахон Алимӣ, тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 27 апрели соли 2022, суратҷаласаи №9/3-18, тасдиқ ва ҳисобида шудааст.

Маълумотномаи академи дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз маҷмӯи фанҳои асосӣ (заминавӣ): Методикаи таълим дар мактабҳои олӣ, методологияи тадқиқоти илмӣ; қисмати фанҳои интихобӣ: муошурати байнифарҳангӣ, коркарди компютерии натиҷаи озмоиши илмӣ; маҷмӯи фанҳои тахассусӣ ва қисмати ҳатмӣ: Асосҳои муоширати шифоҳӣ ва хатти; қисмати фанҳои интихобӣ: Адабиёти кишварҳои Лондон, тарҷумашиносӣ, назарияи забоншиносӣ, грамматикаи амалии забони англисӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоишӣ-таҳқиқотӣ, иҷрои диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос, таҷрибаомӯзии педагогӣ ва касбӣ (илмӣ), имтиҳони маҷмӯӣ; Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 26-уми майи соли 2025, таҳти №6 ба Одиназода Дилосо Давлятшо маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ дода шудааст.

Диссертатсияи Одиназода Дилосо Давлятшо дар ҷаласаи муштараки кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (англисӣ, хитоӣ ва олмонӣ), кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ, кафедраи умумидонишгоҳии забони хориҷӣ ва кафедраи умумидонишгоҳии педагогика аз 29-уми майи соли 2025 суратҷаласаи №10/3 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи "Асосҳои педагогии рушди фаъолияти амалии муоширатии хонандагони синфҳои миёна зимни омӯзиши забони англисӣ" чунин хулоса кабул карда шуд:

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мазмуни бандҳои зерини шиносномаи Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаҳои зерини шиносномаи ихтисоси 6D012000 – Таълимӣ касбӣ, 6D012001 - Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ мувофиқат мекунад:

- банди 1. Таҳияи назарияи таълими фанҳои мушаххас аз ҷумла дар сатҳи байнитахассусӣ; фаъолияти навоварӣ ва таҷрибавии омӯзгорони ЗХ ҳамчун яке аз сарчашмаҳои рушди назария ва методикаи таълим аз рӯйи соҳаҳои дониш ва сатҳи таҳсилот.
- банди 2. Таҳқиқи иқтидорҳои инкишофӣ ва тарбиявии фанни ЗХ дар равандҳои таҳсилотӣ.

- банди 3. Таҳияи мундариҷаи консепсияҳои фанни ЗХ дар сатҳҳои гуногуни таҳсилот; мундариҷа, усулҳо ва шаклҳои ташкили таълим дар шароити шакливазкунӣ, иттилоотонӣ ва ҷаҳонишавии ҷараёнҳои ҷомеавӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ.
- банди 4. Таҳияи технологияи навоварии таҳсилот ва шаклҳои ташкили омӯзиш.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои он ба педагогикаи умумӣ ва назарияи омӯзиш саҳми муайян мегузоранд. Таҳқиқот мазмуни ҷараёни рушдро кушода медиҳад, ФАМ-и хонандагонро муайян мекунад: имконоти фанни «ЗХ»-ро барои ташаккули ФАМ ошкор намуд; дастгирии аз ҷиҳати илмӣ асосноки технологӣ оид ба ташаккули ФАМ дар байни ХСМ дар раванди омӯзиши ЗХ. Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он аст, ки тавсияҳои методологӣ оид ба ташхиси сатҳи ташаккули ФАМ дар ХСМ, барномаи ташкили корҳои беруназсинфии ХСМ бо ЗХ, ки таҳия ва ба раванди таълимии МТМУ ворид карда шудаанд, имкон доданд сатҳи ташаккули ФАМ-и хонандагон муайян карда шаванд .

Маводи таҳқиқотиро дар раванди педагогии мактабҳои таҳсилоти умумӣ, дар муассисаҳои такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорон истифода бурдан мумкин аст.

**Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда**, беш аз 1 дастур амали таълими, 8 мақолаи илмӣ, ки 6 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи «Комиссияи олии аттестатсионӣ»-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3-тои он дар маҷаллаҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва маҷмуаи маводи конференсияҳои илмӣ, амалию назариявии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ, аз он ҷумла, мақолаҳои илмии зерини довталаб, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи «Комиссияи олии аттестатсионӣ»-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар ба табъ расиданд, ба мухтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат доранд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**А) Китоб ва монография**

[1-М]. “Рушди амалҳои муоширатӣ (дар мисоли омӯзиши забони англисӣ)”/ Наимова, Д.Д., Алимӣ Ҷ. - “Матбаа” Душанбе-2022. – 91с.

**Б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия нашр шудаанд.**

[2-М]. “Моҳияти амалҳои таълимии иртиботии-муоширатии хонандагони мактаб”//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ISSN-2074-1847). - Душанбе, 2022, №5 - С-268-271.

[3-М]. “Вижагиҳои амалҳои иртиботӣ-муоширатӣ зимни таълими забони ҳориҷӣ”//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ISSN-2074-1847). - Душанбе, 2022, №7. - С-278-282.

[4-М]. “Зарфияти фанни забони хориҷӣ барои ташаккул ва рушди амалҳои ҷомеии таълимии иртиботӣ-муоширатӣ дар хонандагон” //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ISSN-2074-1847). - Душанбе, 2022, №12. – С.279-300 .

[5-М]. “Ҷанбаҳои ташкилии раванди корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид рушди амалҳои иртиботӣ-муоширатии хонандагони синфҳои миёна зимни омӯзиши забони англисӣ”//Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ (ISSN-2616-5260). - Кӯлоб 2023. №4-2(33) 2023. - С-265-269.

[6-М].“Лингводидактика ва нутқи монологию диалогӣ бо забони хориҷӣ”//Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ (ISSN-2616-5260). - Кӯлоб 2025 №3-2 (40) 2025.- С-160-168

В)Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд

[7-М].“Калимаҳои иқтибосии англисӣ дар забони тоҷикӣ”//Маводи Конфиренсияи илмӣ-амалии умумидонишгоҳи миёни магистрантон ва докторанти PhD-и таҳти унвони “Эмомалӣ Раҳмон - пешво ва ҳомии Тоҷикони ҷаҳон”, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, Кӯлоб-2021.- С-40-44.

[8-М].“Хусусиятҳои муошират зимни таълими забони хориҷӣ” //Маводи Конфиренсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба натиҷагирии корҳои илми таҳқиқотӣ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, (ҷилди 2). Кӯлоб-2022. - С-202-204.

[9-М]. “Ташкили раванди корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид рушди амалҳои иртиботӣ-муоширатии хонандагони синфҳои миёна зимни омӯзиши забони англисӣ”//Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. - Душанбе 2023.-С.290-293.

**Санадҳои тасдиқунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Дар кори диссертатсионии докторанти PhD Одиназода Дилосо Давлятшо қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳқиқот ва таълифоти муаллифон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, бевосита корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳлили маҷмуи мушкилот; дар пайвастагии дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии мавод; истифодаи маҷмуи усулҳои марбут ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; анҷомдиҳии корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва татбиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, коркарду таҳлили натиҷаҳои маълумоти озмоиш, таҳия ва интишори мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, иштирок дар чорабиниҳо ва конференсияҳои илмию байналмилалӣ, мизҳои

мудаввар ва семинарҳои илмию амалӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои бадастомада ва омоданамоии диссертатсия зоҳир мегардад.

Муҳаққиқ, дар асосу заминаи омӯзишу таҳлили таҳқиқоти илмии олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, асосу заминаҳои амалию назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро мушаххас намуда, мавзуъ ва масъалаи ташаккул дар омӯзиши забони англисӣ, ҳамаҷониба ва низомнок таҳқиқ карда, бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқ ташаккул ва рушди фарҳанги омӯзиши босифатро барои хонандагон аз мавқеи илмӣ ҳамаҷониба баррасӣ намудааст.

Диссертатсияи Одиназода Дилосо Давлятшо дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди фаъолияти амалии муоширатии хонандагони синфҳои миёна зимни омӯзиши забони англисӣ» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, натиҷагириҳо аз ҳар боб, хулосаи умумӣ, 18 ҷадвал, 7 диаграмма, 5 расм, замимаҳо ва 184 феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳаҷми асосии диссертатсия аз 171 саҳифа таркиб ёфтааст.

Диссертатсия аз рӯйи натиҷаи назариявӣ ва хулосаи амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

**Ҷаласа қарор кард:**

1.Диссертатсияи Одиназода Дилосо Давлятшо дар мавзуи "Асосҳои педагогии рушди фаъолияти амалии муоширатии хонандагони синфҳои миёна зимни омӯзиши забони англисӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 6D012000 – Таълимӣ касбӣ, 6D012001 - Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ мувофиқат менамояд, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

2. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 6D012000 – Таълимӣ касбӣ, 6D012001 - Назария ва методикаи таҳсилоти умумӣ барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-047-и назди Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тавсия ва пешниҳод карда шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи муштараки кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (англисӣ, хитоӣ ва олмонӣ), кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ, кафедраи умумидонишгоҳии забони хориҷӣ ва кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», санаи 29-уми майи соли 2025, №10/3, қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа,**
н.и.п., кафедраи забонҳои
хориҷӣ (забони англисӣ) Шарифзода Хуршед Алихон

**Котиби ҷаласа,**
н.и.ф., и.в. дотсент, мудири
кафедраи методикаи таълими
забонҳои хориҷии (олмонӣ ва
хитоӣ) Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Робияи Абдусамад

Имзоҳои Шарифзода Х.А. ва Робияи А-ро
тасдиқ менамоям: Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатов Мирали Абдусамадович

«__11__» __ноябри__ соли 2025

**Нишонӣ:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб кучаи С.Сафаров 16. Тел: +992 (33 22) 2 35 06 info@kgu.tj www.kgu.tj